# Давлати Юнони Қадим



**Юнон мамлакати кӯҳсор мебошад дар байни кӯҳҳои он заминҳои серҳосил ҳам ҳастанд. Юнон аз аз се қисм шимолӣ , миёна ва ҷанубӣ иборат буда, онро аз се тараф об иҳота кардааст.**

**Аҳолии Юнони Қадим асасан ба кишоварзӣ машғул буд. То замони мо ёдгориҳои таърихии давлатҳои Крит ва Микена бисёр омада расидааанд . Онҳо шаҳодат медиҳанд, ки юнониёни қадим бинокору киштисоз, силоҳсозу кулолгар ва заргарони гулдаст буданд.**

# ХАРИТАИ ТАЪРИХИИ ЮНОНИ ҚАДИМ




Дар ин харита тамоми шаҳрҳои Юнони қадим ҷойгир шудаанд.

# ҲУҶУМИ ЮНОНИҲО БА ОСИЁИ ХУРД



Бостоншиносон дар Осиёи хурд хам тадқиқот гузаронидаанд. Дар натиҷаи ин маълум гардид, ки Юнониҳо боҳо ба инҷо лашкар кашида буданд. Бозёфтҳо аз шаҳри Троя бадасстомада шаҳодат медиҳад, ки сокинони ин шаҳр чандин маротиба шаҳри худро тарк карданд. Троя борҳо ба хок яксон карда шудааст. Аз ҷои харобаҳои қасрҳои Тоя ашёҳое ёфт шуданд, ки дар Микена сохта шуданд. Юнониҳо ба он дар асри 12 пеш аз мелод аз тарафи баҳр ҳамла карда, ба хок яксон кардаанд. Ғайр аз Троя давлати Микена шаҳрҳои дигари Осиёи Хурдро ҳам запт карда будааст.

# ЁДГОРИҲОИ МАДАНИЯТИ МИКЕНА



Аз асри 16 пеш аз мелод сар карда, давраи микении таърихи Юнон оғоз мегардад. Аз аввали Микена бисёр ҷиҳатҳои маданияти худро аз Крит мегирифт. Масалан, эътиқодҳои динӣ, саъати кандакорӣ, бинокорӣ, қубури об, либосҳои мардонаву занона, баъзе намудҳои силоҳ ва навиштаҷот оид ба оид ба хоҷагии Микена аз Крит омада буданд. Крит пеш аз Микена як шаҳри қадим буд.

# ҚАЛЪАИ МИКЕНА



**Ёдгориҳои нисбатан қадимаи маданияти Микена қабрҳои ба асри 16 пеш аз мелод тааллуқдоштае мебошанд, ки бостоншиносон аз қалъаи Микена соли 1876 ёфтаанд дар байни онҳо ашёҳои қиматбаҳои аз таллову нуқра ва устухонҳои фил сохта ҳастанд. Лавозимоти ҷонгие, ки аз қабри микениҳо ёфт шудаанд исбот мекунанд, ки онҳо мардуми ҷанговар будананд. Маркази асосии маданияти Микена дар Торинф, Пилес Афина дар шимоли Юнон дар Иолк будаанд.**

# ҲУҶУМИ ҚАБИЛАҲО БА ЮНОН



Дар асри 12 и пеш аз мелод аз қабилаҳои сокини шимолтари Юнон, ки дорӣ ном доштанд аз тарафи Мақдуния ва Эпир ба тарафи Ҷануб ҳаракат карда, аввал Юнони Шимолӣ ва баъд Юнони Миёнаю Ҷанубро ишғол мекунанд. Қабилаҳои дориҳо шаҳру деҳаҳои сари роҳашонро тороҷ карда, ба хок яксон мекарданд. Аз ҳуҷуми дориҳо қасри Пилес, қалъаҳои Микен ва Тиринф зарари калон диданд. Баъд аз ин Юнон рӯ ба таназзул ниҳод.

# ДАВЛАТИ АФИНА ДАР ЮНОН



Дар тарафи Ҷанубу Шарқии Юнон дар баҳри Эгей нимҷазираи калоне воқеъеъ шудаат. Дар ҳаминҷо вилояти Аттиқа воқеъ гардида буд. Дар тарафи ғарбии он ҳамвории калоне доман паҳн кардааст. Дар миёнаҳои он дар ҳазорсолаи 2 пеш аз мелод шаҳри Афина бино гардид.

дар асри 8 ва 6 пеш аз мелод дар Афина сохти ғуломдорӣ ба вуҷуд омад. Давлати ғуломдории пешини Афинаро Шӯрои кӯҳансолони иборат аз 9 нафар идора мекарданд. Дар афина оҳиста оҳиста ашроф ҳокимиятро ба даст даровroutинд. Ашрофони Афина тарзи идоракунии давлати худро “аристократӣ ” яъне ҳокимияти беҳтаринҳо меномиданд.

# ХУДОИ ЮНОНИҲО



Юнони қадим ба шоҳи худ Зевс парастиш намуда, бо шарофати ӯ ҳар гуна ҷашнҳоро таҷлил мекарданд. Аввалин бозии олимпӣ бо фармони Зевс соли 776 то мелод гузаронида шуда баъдан чор сол пас як маротиба гузаронида мешуд, ки то ҳол гузаронида мешавад.

Ба хотири маъбад ду муҷасамаи бузурге сохтанд андозаи тарафҳои маъбади Зевс 64х28 м буда, 34 шоҳсутуни бистметра онгро аз як тарф нигоҳ медошт. Ин яке аз муъҷизаҳои Олам ба ҳисоб меравад.

# ДАВЛАТИ СПАРТА ДАР ЮНОН



**Ҳанӯз дар замони Қадим дар Спарта аз ду сулолаи шуҳратманд ду шоҳ ҳукумронӣ мекарданд. Бисёр вақ дар байни онҳо зидият ва душманӣ ба амал меомад . Яке аз сулолаи шоҳони Спарта аз худи Геракл оғоз меёфт. Барои ҳамин халқи Спарта шоҳҳои ин сулоларо ҳумату эҳтиром мекарданд. Лекин ҳокимияти онҳоро қонунҳои Спартаро маҳдуд карда буданд.**

# ЗИНДАГИИ СПАРТАГИҲО



Меҳнати маҷбурии олоитҳо спартагиҳоро аз корҳои хоҷагӣ озод карда буд . Аз ҳамин сабаб вақти холии онҳо бисёр мемонд. Онҳоро спартагиҳо барои корҳои идории давлатӣ, таҳсил, варзиш ва мақсадҳои дигар истифода мебурданд.

Чи тавре, ки муаррихи қадим Плутах шаҳодат медиҳад, спартагиҳо махсус гоҳ гоҳ гирудори (запт ва азоб) Илотҳоро ташкил мекарданд. Спартагиҳо ин шикори Илотҳоро “криптия” меномиданд дар он спартагиҳои ҷавон ҳам иштирок мекарданд.

Спартагиҳои ҷавон бо шамшерҳои кутоҳ мусалаҳ шуда, пешаки камин мегирифтанд ва ногаҳон ба Илотҳо ҳамла карда онҳоро мекуштанд.

# ШАҲРСОЗӢ ДАР ЮНОН



Дар асрҳои 8 ва 6 и пеш аз мелод дар Юнон зироъаткорию, чорвопарварӣ ва боғу токпарварию, ҳунармандӣ, ки асоси шаҳр мебошад рушду нумуъ ва ободӣ мекарданд.

Шаҳрҳои Юнон барои инкишофи савдои дохилию хориҷӣ ба тоҷирон тамоми шароитҳоро муҳаё намуда буданд. Юнониҳои қадим дар шаҳр давлатҳои худ устохонаҳо, марказҳои маъишатӣ, ва марказҳои ҷангӣ месохтанд то ин ки мардуми бегонаро аз тамаддуни худ бохабар кунад.

# ТАШАККУР БАРОИ ДИККАТ

